**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-043 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»**

**Тақриз**

ба автореферати диссертатсияи Раҳмонов Абдусаттор Абдуразоқович дар мавзӯи «Хусусиятҳои ташаккули фарҳанги иттилоотии мутахассиси ояндаи фаъолияти иҷтимоӣ - фарҳангӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти иҷтимоӣ - фарҳангӣ пешниҳод карда шудааст.

Ҷоринамоии технологияи нави муосир, бахусус компютеркунонии ҷомеа ба воситаи фаъолияти иҷтимоӣ - фарҳангӣ яке аз проблемаҳои мубрам ҳисобида мешавад. Махсусан мутахассиси соҳаи мазкур дар фаъолияти минбаъдаи худ аз технологияи компютерӣ бояд ба таври васеъ ва мукаммал истифода бурда тавонад.

Дар автореферат муаллиф зарурати иттилооткунонӣ, компютеркунонии ҷомеа ва соҳаи таҳсилот, таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти олии касбии соҳаи фарҳанг ва санъатро бо технологияи иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба дараҷаи зарурӣ асоснок намудааст.

Чи тавре ки аз натиҷаҳои пажӯҳишҳои экспериментали - таҷрибавӣ бармеояд, муаллиф ҳангоми таҳқиқи мавзӯъ корҳои зеринро анҷом дода, хулосаҳои назариявии таҳқиқотро бо далелҳои мушаххас муайян намудааст.

Барои асоснок намудани натиҷаҳои бадастомада ва хулосаву тавсияҳо муаллиф методҳои маъмули илмӣ - таҳқиқотиро ниҳоят дуруст истифода бурдааст.

Дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ дар автореферат моҳият, мазмун ва вазифаҳои фарҳанги иттилоотӣ дар шароити ҳозира, самтҳои асосии ташаккули он, аҳамият ва зарурияти фарҳанги иттилоотӣ барои тарбияи мутахассиси ояндаи соҳаи иҷтимоӣ - фарҳангӣ таҳлилу натиҷагирӣ гардидааст.

Таҳлили матни автореферат нишон дод, ки муҳаққиқ барномаи педагогии ташаккули фарҳанги иттилоотии донишҷӯёни соҳаи